# ТАҚРИЗИ

Муқарризи расмӣ Хоҷаев Қурбон Тоирович ба диссертатсияи номзадии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар мавзуи “**Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02. 04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

**Моҳият ва муҳиммияти мавзуъ.** Каломи манзум дар таърихи фарҳанг ва адабиёти форстаборон мавқеи аввалиндараҷа дорад. Беш аз навад фисади осори ниёгони мо бо назм навишта шудааст. Бахусус, “ Шоҳнома” –и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ, “Хамса” – Низомию Ҷомию Амир Хусрав, Маснавии “ Маънавӣ” – и Ҷалолуддини Балхӣ ва садҳо девонҳои ашъори адибони асрҳои мухталиф бо назм навишта шудаанд. Ва табиист, ки ҳамаи ин асарҳо баҳри тарбия ва ғизои маънавӣ гирифтани аҳли башар эҷод гардидаанд. Бино бар ин, аз қадимулайём марбут ба синну сол ва дарку фаҳмиши насли наврас дар зинаҳои мухталифи макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ интихоби осори адибон мавриди таълим ва тарбия қарор дорад. Ин “Ганҷи шойгон” бо кадом роҳу усул мавриди таълиму тарбия қарор мегирад, вазифаи омӯзгор ва пажуҳандагон мебошад. Рисолаи мазкур низ ба ҳамин соҳа бахшида шудааст. Аз ин ҷиҳат мавзуи мазкурро басо муфид ва мубрам метавон арзёбӣ кард.

**2. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Андар боби пажуҳиши мавзуъ дар солҳои мухталиф методистони ватанӣ ва бурунмарзӣ корҳои шоёнеро ба анҷом расонидаанд. Бахусус, методистони рус З. Я. Рез ( Санкт – Петербург); Н. В. Савин, Ю.К.Бабанский, Е, В. Карсалова дар ҳамин мавзуъ асарҳо офаридаанд. Диссертант дастуру рисолаҳои методие, ки аз тарафи муаллифони китобҳои дарсӣ ва методистону пажуҳишгарони соҳаи методикаи таълими адабиёт ба нашр расидаанд, мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор додааст. Ва ин омӯзишу таҳлилу таҳқиқи ба ӯ имкон додааст, ки оиди мавзуи матраҳгардида хулосаҳои дақиқ ва амиқ ба бор оварад.

**3. Фарзияҳое, ки диссертант ба ҳимоя пешниҳод менамояд:**

Муҳаққиқ роҳу усулҳои таълими самараноки каломи мавзунро дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ аз фарзияҳои зерин вобаста медонад:

–асосҳои назари ва методию амалии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт зимни таҳлилу таҳмили порчаҳои манзум;

–усулхои самарабахши таълими суннатии адабиёт бо истифодаи технологияи интерактивии таълим;

–муносибати инфиродӣ зимни таълими каломи манзум;

–аз ҷиҳати методӣ сара ва интихоби дурусти порчаҳои манзуми каломи бадеъ дар барнома ва китобҳои дарсӣ, ки аз ҷиҳати педагогӣ ва психологӣ марбут ба синну сол ва дарку фаҳмиши хонандагон мусоидат намоянд;

**4. Нукоти муҳимме, ки ба ҳимоя пешнихдц мегардад:**

1.Асосҳои назарӣ ва методии МБ ба таълими адабиёт, бахусус, муайян кардани принсипҳои асосии таълими адабиёти тоҷик зимни таълими каломи манзум;

2. Роҳандозии усулҳои самарабахши каломи манзум вобаста ба муносибати босалоҳият;

3. Дар натиҷди озмоишҳо, тестҳо ва дигар санҷишҳои марҳилавӣ амиқ ва дақиқ собит намудани фарзияҳои таҳқиқот ва ҷамъбастӣ самаранокии пажуҳиш;

4. Мавриди истифода қарор додани техника ва технологияи интерактивӣ ҳангоми таълими каломи манзум ва аркони он;

5. Таҷдиди навини усулҳои таълими каломи манзум бо назардошти талаботи муасири таълими суннатии осори адибон, аз ҷумла:

а) хусусиятҳои хоси таълими ашъор дар зинаҳои таҳсилоти макотиби миёна бо назардошти синну сол ва дарку фаҳмиши онон;

б) интихоби дурусти матни шеър вбаста ба жанр.

**5. Муҳтавои асосии диссертатсия**

Диссертатсия бидуни муқаддима ва таркиби ҷузъу томи он аз се боб, хулоса ва манбаъҳои истифодашуда иборат аст. Муҳаққиқ то дараҷаи дарку фаҳмиши хеш кушиш ба харӣ додааст, ки дар ин фаслу зерфаслҳо усулу роҳу равиши таълими калми манзумро бо роҳандозии салоҳиятнокӣ пешниҳод намояд. Диссертант моҳияти педагогӣ, психологӣ ва методии каломи манзумро ҷиҳати назарӣ ва амалӣ тавассути мисолҳои мушаххас марбут бо барнома ва китобҳои тадрисии макотиби таҳсилоти ҳамагоми ҳаллу фасл

намудааст. **Дар боби якум,** ки аз се фасл иборат аст, бо назардошти қарорҳо ва дастуру барноамаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андар боби маориф ва нақшаву дурнамои маорифи кишвар оиди сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ, асосҳои назарӣ ва методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт инъикос гардидааст. Дар зерфаслҳо усули интерактивии омӯзиши каломи мавзун ва саҳми технологияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳо муайян гардида, натиҷа ва хулосаи озмоишҳои педагогӣ оид ба таълими каломи манзум дар макотиби таҳсилоти умумӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертант дар **боби дувум ва** се фасли он ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият дар равиши таълими ашъори ғиноӣ дар се зинаи омӯзиши адабиёт мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ вазифаи асосии омӯзгоронро дар курси хониши эзоҳӣ ба дурусту беғалат ва бурроӣ ифоданок хондани матни бадеӣ ва ноил гардидани онҳо ба салоҳиятҳо, аз ҷумла натиҷагирӣ аз матни хондашуда иборат медонад. Дар ин хусус, китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Боби савум** ба муносибати босалоҳият дар таълими осори манзуми хамосӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шуда, намунаи таълими достону ҳикоятҳои манзум дар курси хониши адабӣ ва таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар муқоиса бо низоми суннатии таълим мавриди таҳлилу таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор гирифтааст.

**6.Натиҷа ва хулосаҳои асосие, ки муҳаққиқ барои ҳимоя пешниҳод менамояд:**

1. Илми педагогикаи миллии тоҷик торафт рушд намуда, олимони соҳаи он равишҳои нав ба нави таълимро пешниҳод менамоянд, ки усули анъанавии таълим наметавонад бори онро бикашад. Аз ин лиҳоз, боист зимни таълиму тадриси адабиёт . бахусус, дар таълими каломи манзум тарҳи нав дарандохта шавад, то ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

2. Мувофиқи талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи кишвар оиди боло бурдани сифати таҳсилот муносибати босалоҳият дар ҳама ҷабҳаҳои таълим ва бахусус, фанни таълими адабиёт дар зинаҳои макотиби таҳсилоти умумӣ мавриди таҳқиқ ваозмоиш қарор бигирад.

3. Баҳри ноил гардидан ба ин ҳадафи муҳим бояд консепсияи таълими адабиёт, стандарт, нақша, барнома, китобҳои дарсӣ доир ба адабиёти тоҷик таҷдиди назар шуда, вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият коркард ва мураттаб гардад.

4. Муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт бо методикаи миллӣ ва анъанавии таълими адабиёт мухолиф нест, вале муносибати дигар ба усули анъанавӣ буда, истифодаи усулҳои дигари он дар муносибати босалоҳият аз диди нав самараи бештар оварад, ки ин нукот дар диссертатсия ҳадаф ва мақсади мо қарор дошт.

5. Ҳангоми таълими адабиёт, бахусус, каломи манзум бояд методҳои интерактивӣ ва технологияи таълим истифода шаванд, то ба ташаккулу таҳаввули салоҳиятҳо дар хонандагон замина гузоранд.

6. Хонандамеҳварӣ, ки ҷавҳари асосии муносибати босалоҳиятро ташкил медиҳад, бояд ҳангоми омӯзиши адабиёт, алалхусус, таълими каломи манзум дар мадди назари омӯзгор бошад

7. Дар барнома ва китобҳои дарсии адабиёт ва ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар таърихи адабиёт ашъори ғиноие интихоб шудаанд, ки ба синну сол ва ҷаҳонбинии муҳассилин мувофиқ нестанд ва мавзуъҳои назарияи адабиёт низ бемақею номуназзам буда, дар алоҳидагӣ таълим додани онҳо мувофиқи мақсад нест.

8. Тибқи талаботи муносибати босалоҳият мавзуъҳои назарӣ, амсоли санъатҳои бадеӣ бояд бо такя ба матн таълим дода шаванд, ки намунаҳои онро бо интихоби ашъори шоирон ҳам барои курси хониши адабӣ ва ҳам курси таърихи адабиёт дар диссертатсия дар асоси озмоишҳои таълимӣ манзур намудем.

9.Тавсия гардид, ки барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои МТМУ аз диди нав вобаста ба талаботи МБТ навишта шавад ва дар интихоби ашъори ғиноию осори манзуми хамосӣ синну сол, ҷаҳонбинии хонандагон ва ҷанбаҳои маърифатии онон дар мадди назар бошад

Ба диссертатсияи номзадии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадона дар маҷмуъ тариқи мусбат арзёбӣ намуда, дар радифи он баъзе норасоиҳои ҷузъии онро бояд зикр намуд:

1.Муфид мебуд, агар диссертатсия дар як зинаи таълими мактаб (ибтидоӣ,миёна ва ё болоӣ )анҷом мепазирфт.

2. Дар диссертатсия оид ба талаботу хусусиятҳои муносибат ба салоҳиятнокии таълим ҷиҳати назарӣ (14 саҳ) бештар маълумот дода шудааст.

3. Дар ашъори лирикӣ, ки бештар ба ҳассосият рабт дорад, бояд баъд аз хониши нахустини ифоданок зимни таҳлил суоли “ Аз хондани шеър чиро эҳсос кардед? Ё Шеър ба Шумо чӣ таассуроте бахшид? Шеър дар кадом мавзуъ эҷод гардидааст? Мавриди муҳокимаи шогирдон қарор бигирад. Мутаассифона, ин гуна суолҳо гузошта нашудааст.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро коста нахоҳад кард. Арзиши илмӣ ва сатҳи пажуҳишии рисолаи таҳқиқотии анҷомпазируфта арзанда буда, муҳиммият ва судмандии мавзуъ, навгониҳо, дастовардҳо ва дастуру пешниҳодҳои онро собит хоҳад кард. Диссертатсия бо автореферат қиёс ва мутобиқату мувофиқатии он собит гардид .

Ба андешаи мо, диссертатсияи номзадии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна дар соҳаи методики таълими каломи манзум дар макотиби миёнаи умумӣ бо равиши муносибати босалоҳият роҳу усули ҷадидест ва басо муҳиммест.

Диссертатсия комилан ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ дар назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он – Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна сазовори унвони номзади улуми педагогӣ оид ба ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00. 04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ( таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Хоҷаев Қурбон Тоирович, доктори илмҳои педагогӣ,

профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи

байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Суроғаи шахсӣ: Кӯчаи Б. Ғафуров 46\3 ҳуҷраи 26

Тел: 918 – 66 – 47 – 08

Суроға: Хиёбони Борбад, 48\ 5, 734055

( 99237) 234 – 88 – 00; 234 – 88 – 02.

26. 11. 24

Имзои Хоҷаев Қ.Т.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои

махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.